Оё намехоҳед ба шумо як амали беҳтар аз он чи хоҳиш доред, нишон диҳам? Вақте ки ба бистари хоб рафтед, 33 маротиба тасбеҳ гӯед, 33 маротиба ҳамд гӯед ва 34 маротиба такбир бигӯед. Ин бароятон беҳтар аз хизматгор аст

Аз Алӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Фотима (разияллоҳу анҳо) назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омада, то аз ранҷе, ки ба сабаби кори сангини дастгоҳи осиёб ба дасташ расида буд, шикоят кунад. Ӯ хабар ёфта буд, ки ба назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бардагоне оварда буданд. (Ӯ мехост Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барояшон хидматгоре бидиҳад). Аммо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро пайдо накард ва мақсади омаданашро ба Оиша (разияллоҳу анҳо) гуфт. Ҳангоме ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад, Оиша (разияллоҳу анҳо) аз омадани Фотима ӯро хабар кард. Алӣ (разияллоҳу анҳу) мегӯяд: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳоле назди мо омад, ки мо дар бистари хобамон будем. Хостем аз ҷоямон бархезем, ки гуфт: дар ҷойи худ бимонед ва байни ману Фотима нишаст, то ҷое, ки ман хунукии пойҳояшро дар шикамам эҳсос кардам. Он гоҳ фармуд: "Оё намехоҳед ба шумо як амали беҳтар аз он чи хоҳиш доред, нишон диҳам? Вақте ки ба бистари хоб рафтед, 33 маротиба тасбеҳ гӯед, 33 маротиба ҳамд гӯед ва 34 маротиба такбир бигӯед. Ин бароятон беҳтар аз хизматгор аст."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Фотима (разияллоҳу анҳо), духтари Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз кору заҳмати сахте, ки ҳангоми кор бо дастгоҳи осиёб мекашид, шикоят кард. Чун барои Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) асироне оварда буданд, ӯ ба наздаш рафт, то барояшон хидматгоре бидиҳад, ки корҳои хонаашонро анҷом диҳад. Аммо ӯро дар хона наёфт ва ба Оиша (разияллоҳу анҳо) мақсади омаданашро хабар дод. Вақте Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад, Оиша ба ӯ хабар дод, ки Фотима барои дархости як хидматгор омада буд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хонаи Фотима ва Алӣ (разияллоҳу анҳумо) рафт, ки онҳо дар бистари хоб буданд. Ӯ дар байни онҳо нишаст ва пойҳои худро ба тарафи шиками Алӣ гузошт, то ин ки Алӣ хунукии пойҳои Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар шикамаш эҳсос кард. Паёмбар гуфт: "Оё намехоҳед ба шумо чизе беҳтар аз хидматгор бидиҳам?" Фотима ва Алӣ гуфтанд: Оре. Паёмбар фармуд: "Вақте шабона ба бистари хоб меравед, 34 маротиба такбир (Аллоҳ Акбар) бигӯед. 33 маротиба тасбеҳ бигӯед: "Субҳоналлоҳ". 33 маротиба ҳамд бигӯед: "Алҳамдулиллоҳ". Ин зикр барои шумо беҳтар аз хизматгор гирифтан аст."